Тақриз

ба диссертатсияи Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим дар мавзуи «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی) », ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 - Шарқшиносӣ (6D020901 - Забони форсӣ) пешниҳод шудааст.

Маълум аст, ки тарҷума яке аз навъҳои душвору печидаи фаъолияти инсонӣ ба шумор рафта, дар асри ҳозир бар асари густариши ҳамкориҳову иртиботи миёни халқҳо аҳаммияти бештаре пайдо менамояд. Забонҳои нав ба нав вориди муошират мешаванд. Барои рафъи монеаву мушкилоти забонӣ ягона воситаи муассиру корсоз тарҷума маҳсуб мегардад. Имрӯз ҳеҷ риштае аз илмро наметавон пайдо намуд, ки ниёзу эҳтиёҷе ба тарҷума надошта бошад.

Масъалаи тарҷума ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони риштаҳои гуногун мисли фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, таърихшиносӣ, адабиётшиносиву фалсафа қарор мегирад. Дар тарҷумашиносӣ барои ҳар соҳае аз илм, ки пайванде бо тарҷума дорад, метавон заминаҳои мушаххасеро ҷудо намуд. Ба ин маънӣ, ки як матни тарҷума мумкин аст, заминаи адабӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ё равонӣ дошта бошад, вале воқеият ин аст, ки дар ҷараёни тарҷума нақши муҳимро забонҳо мебозанд. Аз ин рӯ, дар тарҷумашиносӣ муҳаққиқон бештар ба назарияҳои забоншиносӣ такя меварзанд.

Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки дар забоншиносии тоҷик диссертатсияи Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим таҳти унвони «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 - Шарқшиносӣ (6D020901 - Забони форсӣ) илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иқдоми муҳим буда, аз ҷумлаи корҳои арзишманди илмӣ дар ин самти забоншиносии форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Боби якуми диссертатсия, ки аз панҷ фасл иборат аст, «Асосоҳои назарии тарҷума» ном дорад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои пешаи тарҷумонӣ аз нигоҳи мухаккиқон, нигоҳи иҷмолӣ ба таърихи тарҷума, пайдоиши тарҷума дар ҷаҳони ислом, равиши низомманд дар баррасии тарҷума, таснифи матн бар асоси тарҷумаро дар заминаи муносибати интиқодӣ ва баҳсҳои илмӣ бо намояндагон дигар мактабҳои илмии забоншиносӣ баррасӣ намуда, мулоҳизаҳои хешро баён намудааст.

Яке аз масъалаҳои ҷолибе, ки дар ин боб баён гардидааст, масъалаи ҳадафҳо ё мақсадҳои фарҳангӣ-иҷтимоии тарҷума мебошад. Ба андешаи муаллиф "Дар ҷомеаҳое, ки фарҳангҳои мухталиф ба ҳам омезиш пайдо мекунанд, шумори назариёту дидгоҳҳои гуногуни мардумӣ ва бардошти онҳо аз ҷаҳони воқеият гоҳо ба адами дарки саҳеҳ меанҷомад. Сабабаш дар он зоҳир мегардад, ки намояндагони як фарҳанг аз фарҳанги миллати дигар ғофиланд. Маҳз дар ҳамин росто тарҷума метавонад "ба сифати як омили муҳимму боэътимод барои густариши вусъати шинохту ошноӣ аз фарҳангҳои дигар, қавму миллатро ёрӣ расонад" (дисс., с.17).

Дар раванди баррасии фаслҳои боби мазкур муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки ҳанӯз дар замони ҳукумати Дориюш ва Куруши Кабир гурӯҳи алоҳидаи мутарҷимон барои баргардонии матнҳои алоҳидаи забони юнонӣ ба забони порсӣ сарҷамъ омада буданд ва ин анъана давом ёфта, дар давраи ҳукумати исломӣ низ роиҷ будааст. Инчунин, дар ин боб мактабҳои муваффақи тарҷумонии Аврупо ва Шарқи исломӣ, роҳбарон ва тарҷумонҳои асили онҳо номбар шуда, ҳамзамон чанде аз осори тарҷумавӣ ҳам ҳамчун намуна оварда шудааст.

Боби дувуми диссертатсия «Мафҳуми «матни сиёсӣ» ва вижагиҳои он» унвон гирифта аз се зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли якум – "Шарҳи «матни сиёсӣ ва гуфтмони (descoursive) сиёсӣ» масъалаҳои тарҷумаи матни сиёсӣ, таърихи ташаккули гуфтмон (discursus)-и сиёсӣ,

матни сиёсӣ ҳамчун яке аз бахшҳои таркибии забоншиносии сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

«Баррасии хусусиятҳои забонии матни сиёсӣ» унвони зерфасли дувуми боби дувум буда, тарафи муқобили матн, вожаҳои иқтибосии матн, калимоти ихтисорӣ дар матнҳои сиёсӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Диссертант бар он назар аст, ки "тибқи меъёрҳои мавҷуд матнҳо ба матнҳое ҷудо мешаванд, ки мухотаби инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъӣ доранд. Хусусияти иртибототи сиёсӣ бархилофи иртибототи тиббӣ ва омӯзгорӣ, мухотаби гурӯҳӣ ва ҷамъӣ доштани онҳост" (дисс., с.83).

Дар зерфасли сеюми боби дуюм гуфтмони сиёсӣ ва мушкилоти тарҷума баррасӣ шуда, нозукиҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ, гузина ва қолаби онҳо пайгирӣ шудаанд.

Боби севум «Таҳлили муқоисавии луғавӣ-грамматикии матнҳои тарҷумашуда аз форсӣ ба арабӣ» ном дошта, иборат аз ду зерфасл аст, ки дар онҳо мутуни форсӣ бо тарҷумаи арабии онҳо мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Дар ин боб диссертант ба сифати сарчашмаи муътамад матнҳои расонаҳои www. irna.ir (الريا), www.bbcpersian -ро бо унсурҳои сарфиву наҳвии забони арабӣ, аз қабили мувофиқати мубтадо ва хабар, муайяншаванда ва муайянкунанда, шумора ва ҷинсият, феъл ва замонҳои он, тафовут ва маворидии истифодаи ибораҳо, корбурди ҳиссачаҳо, пешояндҳо, ба маънои маҷозӣ омадани воҳидҳои забонӣ, намудҳои зарф муқоиса намуда, ба хулосаҳои мушаххаси илмӣ расидааст.

Дар зерфасли дувуми боби севуми диссертатсия унвони хабарҳои тарҷумашуда аз форсӣ ба арабӣ мавриди тахлилу арзёбӣ қарор гирифтааст, ки ҷолиби диққат мебошад.

Мухтавои асосии маводи диссертатсия ва хулосаву натиҷагирӣ аз онҳо дар 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада дар 27 банд ҷамъбаст шуда, дастовардҳо, натиҷаву арзиши таҳқиқ ва моҳияти

мавзуи таҳқиқоти мазкур зикр ёфтааст. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки ҳар як муаллифе ба мақсади амалисозии аҳдофи иртиботи худ дар ҷараёни таҳия ва тадвини матнҳои сиёсӣ аз тарзу шеваҳои хоссе истифода мекунад, ки дастёбиро бо натиҷаи ниҳоӣ сабабгор мешаванд, дар матнҳои сиёсӣ манобеъ ва имконоти гуногуни забонӣ ва ғайризабонӣ истифода мешаванд, зимни тарҷумаи маҷоз, киноя, ибороти фразеолог вожагоне, ки ба сабку услуби мухталиф тааллуқ доранд, мавриди корбурд, қарор мегиранд (дисс., с140).

Дар баробари ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқ, барои истифодаи амалии онҳо низ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, аз он ҷумла роҷеъ ба тарҷумаи ибораҳои фразеологӣ ва роҳҳои корбурди муассири онҳо мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои он мебошанд.

Дисссертатсия дар асоси методҳои маъмули таҳқиқи забоншиносӣ – таҳлили сохторию семантикӣ, синхронию диахронӣ, муқоисавию таърихӣ, усулҳои муассири консептуалӣ таълиф гардидааст.

Ҳамзамон чанд эроду пешниҳоде ба хотири боз ҳам болотар бурдани сатҳи илмии пажуҳиш пешниҳод менамоем:

1. Дар саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоиву услубӣ роҳ ёфтааст (саҳифаҳои 5, 13, 19, 21, 26, 28, 41, 45, 46, 51, 52, 58, 71, 73, 75, 94, 98, 103, 105, 107, 108 ва ғ.).

2. Бо вуҷуди аз як оила будани забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ дар сохтори грамматикии муосири онҳо истисно ва дигаргуниҳое ба назар мерасанд. Дар диссертатсияи мазкур баъзе ҷамъи вожаҳо, қолаби ҷумла ва ибораҳо бо равиши забони форсӣ оварда шудаанд, ки ба душворфаҳмии матлаб боис гардидааст (таҷрубаҳои ҳосила, сохторҳои бурунматнӣ, маводи таблиғотӣ мундариҷ аст... ва ғ.).

3. Баъзан такрор ва бемаврид овардани хабари ҷумлаҳо (мебошад, бошад, доранд ва ғ.) мушоҳида мешавад, умуман таъсири услуби нигориши забони форсӣ аз меъёр бештар мушоҳида мегардад.

4. Дар диссертатсия ба ҷанбаи сиёсии масъалаҳои таҳқиқ, аз ҷумла, шарҳи матни сиёсӣ ва гуфтмони сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар равона гардидааст.

5. Мақола ва гузоришҳои диссертант дар конференсияҳо дар диссертатсия дарҷ нагардидааст.

Мулоҳизаҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Дар заминаи баррасии аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши илмии диссертатсия метавон хулоса кард, ки диссертатсияи **Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим** дар мавзуи **«Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (اترپا), www. BBC Persian (بی بی سی)»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 - Шарқшиносӣ (6D020901 - Забони форсӣ) мебошад.

Доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии МДТ «Донишгоҳи
давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Қосимов О. Ҳ.**

Сана: 03.02.2023с.

Суроға: 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 139;
тел.: 93 769 33 33; 907 76 44 21;
E-mail: olimjon@yandex.ru

имзои/подпись Босимов О.Х.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РВК
/НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УВК
26 с/г